| | |
|---|---|
| Эсхата | **«Тасдиқ шудааст»**<br>аз тарафи Шӯрои нозирони<br>ҶСК «Бонки Эсхата»<br>Пайнавишти<br>№02/2026 аз 05-06.02.2026 |

# СИЁСАТ С–011:2026

оид ба идоракунии комплаенс хавф
дар ҶСК «Бонки Эсхата»
(Таҳрири 05)

**Мавриди амал аз 01.03.2026**

## Муқаддима

1. **Муқаррароти умумӣ** ... 3
2. **Истилоҳҳо ва ихтисорҳо** ... 3
3. **Мақсад ва вазифаҳои сиёсат** ... 4
4. **Принсипҳои идоракунии комплаенс хавф** ... 5
5. **Идоракунии хавфи комплаенс дар Бонк** ... 6
7. **Ҳисоботдиҳӣ доир ба масъалаҳои комплаенс** ... 12
8. **Муносибатҳои Бонк бо мақомоти давлатӣ дар соҳаи комплаенс** ... 14
9. **Масъулият** ... 14
10. **Муқаррароти ниҳоӣ** ... 14

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Сиёсати идоракунии комплаенс-хавф дар ҶСК “Бонки Эсхата” (минбаъд – Сиёсат) талаботи асосиро барои дар Бонк, инчунин дар ҷамъиятҳои фаръии ҶСК “Бонки Эсхата” (минбаъд – Бонк ) ташаккул додани низоми назорати дохилӣ муайян мекунад, ки идоракунии самараноки комплаенс хавфро таъмин намуда, ба риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк мусоидат менамояд, ки тартиби аз ҷониби бонк пешниҳоди хизматрасонӣ ва гузаронидани амалиётро дар бозори молиявӣ, инчунин талаботи давлатҳои хориҷӣ ба тартиб медарорад.

1.2. Сиёсат маҷмӯи санадҳои меъёрии дохилӣ мебошад, ки Сиёсати мазкур ва (ё) дигар санадҳои дохилиро дар бар мегирад, ва меъёрҳо, параметрҳо, равишҳо, принсипҳо, стандартҳо, тартибот ва механизмҳои заруриро муайян менамояд, ки фаъолияти самараноки Бонк ва мутобиқати фаъолияти он ба стратегия ва сатҳи қобили қабулшудаи хавфро таъмин мекунанд.

1.3. Сиёсати мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, Оинномаи ҶСК “Бонки Эсхата”, инчунин дигар санадҳои меъёрии дохилии ҶСК “Бонки Эсхата” таҳия шудааст.

1.4. Бонк дар фаъолияти худ дар баробари иҷрои талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, аз рӯи принсипҳои байналмилалии мубориза бар зидди қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (минбаъд МКД/МТ/МПСҚО), ҳамчунин ба қоидаҳои низоми таҳримҳо (минбаъд – таҳримҳо) роҳбарӣ менамояд.

1.5. Сиёсат барои иҷро аз ҷониби ҳамаи мақомоти идоракунӣ, воҳидҳои сохторӣ, шахсони мансабдор, кормандони Бонк ва ҷамъияти фаръии он ҳатмӣ мебошад.

1.6. Воҳиде, ки татбиқи Сиёсатро дар Бонк таъмин менамояд, Департаменти комплаенс хавф мебошад.

## 2. Истилоҳҳо ва ихтисорҳо

2.1. **Сарнозири комплаенс** – корманди Бонк, ки барои ташкил ва ҳамоҳангсозии идоракунии комплаенс-хавф дар Бонк масъул аст;

2.2. **Ҷамъияти фаръӣ** – шахси ҳуқуқӣ, аз ҷумла бонки фаръӣ, ки таҳти назорати Бонк қарор дорад;

2.3. **Барномаи комплаенс** – нақшаи комплаенс, ки фаъолиятҳои ба нақша гирифташавандаи Департаменти комплаенс -хавфро муайян мекунад;

2.4. **Комплаенс-хавф** - эҳтимолияти ба амал омадани зарар дар натиҷаи аз тарафи Бонк ва кормандони он риоя нагардидани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк, ки тартиби хизматрасонии Бонк ва гузаронидани амалиёт дар бозори молиявӣ, инчунин қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, ки ба фаъолияти Бонк таъсир мерасонад, ба тартиб медароранд;

2.5. **Ҳодисаҳои комплаенс** - ҳама гуна ҳодиса ё гурӯҳи ҳодисаҳое, ки дар натиҷаи аз ҷониби Бонк ва кормандони он риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк ба амал омадаанд, ки тартиби аз ҷониби Бонк пешниҳод намудани хизматрасонӣ ва анҷом додани амалиёт дар бозори молиявӣ, инчунин талаботи давлатҳои хориҷиро ба танзим медароранд, ки боиси зарар ва (ё) хароҷоти иловагии Бонк гардидаанд ё боиси он шуда метавонанд, ки ба натиҷаи молиявии фаъолияти Бонк (зарарҳои мустақим), сифати хизматрасонӣ ва равандҳои дохилӣ, обрӯи бонк (зарарҳои ғайримустақим) таъсири манфӣ мерасонанд;

2.6. **Бархӯрди манфиатҳо** - вазъе мебошад, ки дар натиҷаи он мухолифат байни манфиати шахсии шахсони мансабдори Бонк ва/ё кормандони он ва ба таври мувофиқ иҷро кардани ваколатҳои хизматии худ, ё манфиатҳои моликиятӣ ва манфиатҳои дигари Бонк ва/ё

кормандони он ва/ё мизоҷон ба амал меояд, ки метавонад барои Бонк ва/ё мизоҷони он оқибатҳои ногувор ба амал орад;

2.7. **Шахси масъул дар самти МКД/МТ/МПСҚО** - шахси махсуси мансабдор буда, аз ҷониби Шӯрои нозирони Бонк таъин карда мешавад ва барои таҳия ва ташкили татбиқи қоидаҳои назорати дохилӣ дар Бонк бо мақсади МКД/МТ/МПСҚО, инчунин барои назорати риояи талаботи марбут ба таҳримҳо аз ҷониби Бонк масъул мебошад.

2.8. ҚД/МТ/МПСҚО – қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом;

2.9. МКД/МТ/МПСҚО - мубориза бар зидди қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом

2.10. **Нақшаи комплаенс** - ҳуҷҷати дохилие, ки аз ҷониби Департаменти комплаенс-хавф бо мақсади мутобиқ кардани фаъолияти Бонк ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар талаботи татбиқшаванда таҳия карда мешавад ва барои воҳидҳои сохтории Бонк, ки дар он ҳамчун воҳиди сохтории масъул барои иҷрои вазифаҳо қайд шудаанд, ҳатмӣ мебошад;

2.11. **Хавфи аз даст додани нуфузу эътибор** – эҳтимолияти ба амал омадани зарар, ба даст наовардани даромадҳои банақшагирифташуда дар натиҷаи коҳиш ёфтани базаи мизоҷон, паст шудани дигар нишондиҳандаҳои инкишоф бинобар дар ҷомеа пайдо шудани тасаввуроти манфӣ дар бораи вазъи молиявии Бонк, сифати хизматрасонӣ ё дар маҷмӯъ хусусияти фаъолияти Бонк ба амал меояд;

2.12. **Таҳримҳо** — ҳама гуна таҳримҳои иқтисодӣ ё молиявӣ, маҳдудиятҳо ё манъиятҳо нисбат ба шахсони муайян ё намудҳои муайяни фаъолият (анҷом додани амалиётҳои муайян), аз ҷумла таҳримҳои дуюмдараҷа.

2.13. **Назорати таҳримӣ** — ин назоратест, ки дар Бонк бо мақсади муайян намудани шахсон ва ташкилотҳое, ки таҳти таҳримҳо қарор доранд, инчунин ошкор намудани фаъолияти ғайриқонунӣ ё дигар фаъолиятҳое, ки метавонанд барои Бонк хавф эҷод намоянд, инчунин барои пешгирӣ ва идоракунии хавфҳои таҳримӣ истифода бурда мешавад.

2.14. **Воҳидҳои сохторӣ** – ҳама гуна воҳидҳои сохтории Бонк, новобаста аз тобеият, аз ҷумла кураторҳо, роҳбарон ва кормандони воҳидҳои сохтории Бонк;

2.15. **Талаботҳои давлатҳои хориҷӣ** – талаботи қонунгузорӣ, инчунин дигар талаботи давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмиллалии авторитарие, ки ба фаъолияти бонк таъсир мерасонанд;

2.16. **Филиал** – Идораи амалиётӣ ва филиалҳои бонк

## 3. Мақсад ва вазифаҳои сиёсат

3.1. **Мақсадҳои сиёсат инҳоянд**:

3.1.1. таъмини мавҷудияти низоми самараноки идоракунии комплаенс-хавф, ки ба вазъи кунунии бозор, стратегия, ҳаҷм, сатҳи мураккабии амалиётҳои Бонк мувофиқат мекунад;

3.1.2. фароҳам овардани шароите, ки ҷалби Бонкро ба равандҳои қонунигардонӣ (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноятӣ бадастомада, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳншавии силоҳи қатли ом пешгирӣ менамоянд;

3.1.3. фароҳам овардани шароити зарурӣ барои риояи талаботи таҳримӣ;

3.1.4. таъмини роҳ надодан ба бархӯрди манфиатҳо, нигоҳ доштани обрӯи кории Бонк;

3.1.5. кам кардани хавфҳои ба амал омадани оқибатҳои манфии вобаста ба бавуҷудоии зарар дар натиҷаи риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк, ки тартиби хизматрасонӣ аз ҷониби Бонк ва амалиётҳо дар бозори молиявӣ, инчунин талаботи давлатҳои хориҷиро танзим менамояд;

3.1.6. пешбурди тиҷорат мутобиқи этикаи корӣ ва стандартҳои Бонк;

3.1.7. ташаккул ва татбиқи маданияти комплаенс дар Бонк, аз ҷумла дар ташкилотҳои фаръии Бонк;

3.1.8. мусоидат ба роҳбарияти Бонк дар идоракунии самараноки комплаенс-хавф.

3.2. **Вазифаҳои сиёсат инҳоянд:**

3.2.1 таҳия ва такмили равишҳо, принсипҳо ва усулҳои ягонаи идоракунии комплаенсхавф, ки ба ҳадди ақал кам кардани хавфҳои комплаенс нигаронида шудаанд;

3.2.2 кам кардани талафот/зарар/оқибатҳои манфӣ ва таъмини устувории фаъолияти Бонк;

3.2.3 муайян намудани сатҳи қобили қабули комплаенс-хавф мутобиқи стратегияи рушди Бонк;

3.2.4 таҳлил ва пешгирии ҳолатҳое, ки дар онҳо риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк имконпазир аст, ки тартиби пешниҳоди хизматрасонӣ аз ҷониби Бонк ва гузаронидани амалиёт дар бозори молиявӣ, инчунин талаботи давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла хавфҳои марбут ба ҚД/МТ/МПСҚО,

3.2.5 талаботҳои таҳримӣ аз ҷониби воҳидҳои сохтории Бонк; аз ҷониби Бонк таъмин намудани риояи қонунгузории бонкӣ;

3.2.6 таъмини фаъолияти самараноки низоми комплаенси зиддикоррупсионӣ, ки ба пешгирӣ, ошкорсозӣ ва бартарафсозии қонуншиканиҳо ва сӯиистифодаҳои коррупсионӣ равона гардидааст.

3.2.7 таъмини самаранокии амалиётӣ ва молиявии фаъолияти Бонк тавассути муайян кардан, пешгирӣ ва кам кардани комплаенс хавф дар Бонк;

3.2.8 таъмини такмили пайвастаи низоми идоракунии мутобиқати меъёрӣ-ҳуқуқӣ; ташкили кори Бонк оид ба муқовимат ба коррупсия;

3.2.9 таҳия ва татбиқи таснифоти хавфҳои комплаенс, ки Бонк метавонад ба онҳо дучор шавад, инчунин таъмини муайянсозӣ, арзёбӣ ва назорати мунтазами онҳо.

3.2.10 Ба маълумоти ҷонибҳои ҷалбшуда расонидани принсипҳои асосии низомҳои назорати комплаенс.

## 4. Принсипҳои идоракунии комплаенс хавф

4.1. Дар раванди идоракунии комплаенс-хавф Бонк тибқи принсипҳои зерин амал мекунад:

4.1.1. масъулияти Роҳбарияти Бонк дар сатҳи Шӯрои нозирон, Раёсат ва Раиси Раёсат барои ташкили назорати комплаенс;

4.1.2. эътирофи назорати комплаенс ҳамчун яке аз унсурҳои низоми идоракунии хавфҳо ва ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги корпоративӣ ва фаъолияти Бонк.

4.1.3. таҳаммулнопазирии сифрӣ нисбат ба коррупсия ва таъмини иҷрои стандартҳои зиддикоррупсионии Бонк аз ҷониби ҳамаи кормандон ва контрагентҳо;

4.1.4. муайян намудани сиёсати мутавозини таҳримии Бонк;

4.1.5. ошкорсозӣ ва арзёбии хавфи комплаенс ҳангоми ҷорӣ намудани равандҳо дар фаъолияти Бонк;

4.1.6. масъулияти ҳар як корманд барои риояи принсипҳои назорати комплаенс;

4.1.7. таъмини пайвастагии (давомнокии) татбиқи назорати комплаенс;

4.1.8. мустақилияти татбиқи назорати комплаенс;

4.1.9. таъмини аз ҷониби Бонк риояи принсипҳои комплаенс аз ҷониби контрагентҳо ҳангоми амалӣ намудани муносибатҳои шартномавӣ бо онҳо;

4.1.10. таъмини аз ҷониби Бонк имконияти ошкор ва ба танзим даровардани бархӯрдҳои манфиатҳо, аз ҷумла бархӯрдҳои эҳтимолӣ;

4.1.11. таъмини аз ҷониби Бонк риояи уҳдадориҳои ба зимма гирифташуда;

4.1.12. таъмини имконияти ба кормандон ва шахсони сеюм барои ба таври махфӣ хабар додан дар бораи вайронкуниҳои эҳтимолии стандартҳои комплаенс;

4.1.13. татбиқи чораҳои ҷавобгарии интизомӣ дар ҳолати вайрон намудани стандартҳои комплаенс аз ҷониби кормандон;

4.1.14. таъмини муносибати бодиққатонаи кормандони Бонк нисбат ба мизоҷон ва риояи принсипҳои баробарии мизоҷон ҳангоми хизматрасонӣ;

4.1.15. талоши кормандони Бонк ҷиҳати дарки масъулияти худ дар соҳаи комплаенс ва аҳаммияти комплаенс.

## 5. Идоракунии хавфи комплаенс дар Бонк

5.1 Дар Бонк усулҳо ва тартиботи зерин оид ба идоракунии хавфи комплаенс татбиқ мегарданд:

5.1.1 таҳия намудани санадҳои меъёрии дохилӣ (дастурҳо) оид ба масъалаҳои идоракунии хавфи комплаенс ва анҷом додани мониторинги молиявӣ бо мақсади МКД/МТ/МПСҚО

5.1.2 таҳияи сиёсати таҳримии Бонк ва санадҳои меъёрии дохилӣ оид ба масъалаҳои идоракунии хавфҳои таҳримӣ;

5.1.3 анҷом додани мониторинги даврӣ ё санҷишҳо (на камтар аз як маротиба дар ҳар шаш моҳ) ҷиҳати риояи аз ҷониби Бонк қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаҳои расонидани хизматрасониҳо аз ҷониби Бонк ва анҷом додани амалиётҳоро дар бозори молиявӣ танзим менамояд, инчунин қонунгузории давлатҳои хориҷиро, ки ба фаъолияти Бонк таъсир мерасонанд, бо мақсади муайян намудани дараҷаи дучоршавӣ ба хавфи комплаенс, бо шарте ки қонунгузории давлати хориҷӣ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта бошад;

5.1.4 анҷом додани мониторинги доимӣ ҷиҳати риояи талаботи таҳримӣ аз ҷониби Бонк;

5.1.5 мониторинги риояи сиёсатҳо ва тартиботи идоракунии хавфи комплаенс аз ҷониби Бонк ва кормандони он;

5.1.6 идоракунии хавфҳои ҷалби қасдона ё ғайриқасдонаи Бонк ба равандҳои ҚД/МТ/МПСҚО;

5.1.7 муайян намудани авлавиятҳо нисбат ба зарурати ҷорӣ намудани воситаҳои назорат аз рӯи хавфҳои ошкоршуда;

5.1.8 машваратдиҳии Роҳбарият ва кормандони Бонк оид ба қонунҳо, қоидаҳо ва стандартҳое, ки нисбат ба Бонк татбиқ мегарданд ва ба идоракунии хавфҳои комплаенс марбут мебошанд, аз ҷумла оид ба тағйироти охирини онҳо;

5.1.9 ташкил ва татбиқи чорабиниҳо ҷиҳати пешгирӣ, ошкор ва таҳқиқи ҳолатҳои қонуншиканиҳои коррупсионӣ, аз ҷумла гузаронидани тафтиши дохилӣ ва таҳияи тавсияҳо ба роҳбарият.

5.1.10 мусоидат ба Раёсат дар идоракунии хавфи комплаенси Бонк;

5.1.11 назорат аз болои ташкили кор оид ба баррасии шикоятҳо (аризаҳо)-и мизоҷони Бонк;

5.1.12 назорат аз болои ташкили кор оид ба баррасии шикоятҳо (аризаҳо)-и мизоҷони Бонк;

5.1.13 назорат аз болои ташкили дар Бонк кор оид ба шинос намудани ҳамаи кормандон бо талаботи санадҳои дохилӣ, ки тартиби расонидани хизматрасониҳо аз

5.1.14 назорат аз болои ташкили дар Бонк кор оид ба шинос намудани ҳамаи кормандон бо талаботи санадҳои дохилӣ, ки тартиби расонидани хизматрасониҳо аз ҷониби Бонк ва анҷом додани амалиётҳоро дар бозори молиявӣ танзим менамоянд;

5.1.15 ташкили омӯзиши кормандони Бонк оид ба масъалаҳои назорати комплаенс. Омӯзиши кормандон оид ба масъалаҳои назорати комплаенс ба таври мунтазам, инчунин дар ҳолати зарурат, аз ҷумла ҳангоми ҷорӣ намудани маҳсулот ва хизматрасониҳои нав, ворид намудани тағйироти ҷиддӣ ба сохтори ташкилӣ ё ошкор гардидани қонуншиканиҳо ё камбудиҳо дар қисми иҷрои уҳдадориҳои комплаенсии Бонк, гузаронида мешавад.

5.1.16 ҳамоҳангсозии фаъолияти ҷамъиятҳо фаръии Бонк оид ба масъалаҳои идоракунии хавфҳои комплаенс, аз ҷумла хавфҳои ҚД/МТ/МПСҚО;

5.1.17 иштироки ҳатмӣ дар раванди тағйир додани сохтори ташкилӣ, ҷорӣ намудани маҳсулот ва хизматрасониҳои нави бонкӣ;

5.1.18 таҳия ва татбиқи чорабиниҳо оид ба назорат аз истифодаи маълумоти инсайдерӣ ва махфӣ;

5.1.19 таҳия ва татбиқи чорабиниҳо оид ба ошкорсозӣ, арзёбӣ ва назорати бархӯрдҳои манфиатҳо;

5.1.20 таҳияи мустақилона ё якҷо бо воҳидҳои сохторӣ ва шахсони мансабдори Бонк тавсияҳо ҷиҳати бартараф намудани қонуншиканиҳо ва камбудиҳои ошкоршуда дар фаъолияти Бонк, вобаста ба идоракунии хавфҳои комплаенс, ва пешниҳод намудани маълумоти дахлдор ба Шӯрои нозирон / Кумитаи комплаенс ва идоракунии хавфҳо, Раёсати Бонк;

5.1.21 таҳия ва пешбурди низоми ҳисоботдиҳӣ оид ба хавфҳои комплаенс ва пешниҳоди даврии иттилоот оид ба масъалаҳои идоракунии хавфҳои комплаенс ба Шӯрои нозирон / Кумитаи комплаенс ва идоракунии хавфҳо, Раёсати Бонк;

5.1.22 таҳия намудани тартиби ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии кори воҳиди идоракунии хавфҳои комплаенс бо воҳидҳои сохтории Бонк, аз ҷумла бо воҳиди аудити дохилӣ.

5.2 Дар доираи идоракунии хавфҳои комплаенс Бонк ошкорсозӣ, ченкунӣ, мониторинг ва назорати хавфҳои комплаенсро амалӣ менамояд, ки аз ҷумла, вале маҳдуд набуда, инҳоро дар бар мегиранд:

5.2.1 масъалаҳои идоракунии хавфҳои комплаенс, аз ҷумла хавфҳои ҚД/МТ/МПСҚО ва хавфҳои таҳримӣ, тавассути таҳияи санадҳои меъёрии дохилӣ;

5.2.2 мониторинги риояи сиёсатҳо ва тартиботи идоракунии хавфҳои комплаенс аз ҷониби Бонк ва кормандони он;

5.2.3 ҷамъоварии маълумот оид ба рӯйдодҳои хавфи комплаенс;

5.2.4 таҳлили шикоятҳо (аризаҳо)-и мизоҷон (контрагентҳо) нисбат ба амалҳои Бонк ё кормандони он ҷиҳати муайян намудани мавҷудияти хавфи комплаенс ва андешидани чораҳо барои бартарафсозӣ (пешгирии) он;

5.2.5 таҳия ва таҳлили нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ, ки дараҷаи дучоршавии Бонк ба хавфи комплаенсро тавсиф менамоянд;

5.2.6 гузаронидани таҳқиқот (санҷишҳо) мустақилона ё якҷо бо воҳидҳои сохторӣ ва (ё) шахсони мансабдор оид ба ҳолатҳои вайрон намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби кормандони Бонк, ки масъалаҳои расонидани хизматрасониҳо ва анҷом додани амалиётҳоро дар бозори молиявӣ танзим менамояд, инчунин қонунгузории давлатҳои хориҷиро, ки ба фаъолияти Бонк таъсир мерасонанд, мутобиқи тартиби муқарраргардидаи санадҳои дохилии Бонк;

5.2.7 пешниҳоди машваратҳо тибқи дархостҳо оид ба мутобиқати амалиёти (муомилаи) мушаххаси Бонк ё қисми он ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаҳои расонидани хизматрасониҳо ва анҷом додани амалиётҳоро дар бозори молиявӣ танзим менамояд, инчунин ба қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, ки ба фаъолияти Бонк таъсир мерасонанд;

5.2.8 пешниҳоди хулосаҳо тибқи дархостҳо оид ба мутобиқати амалиётҳо ба қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ.

## 6. Нақш ва масъулияти иштирокчиёни низоми идоракунии хавфҳои комплаенс

6.1. Ҳамаи иштирокчиёни низоми идоракунии хавфҳои комплаенс дар доираи салоҳият ва масъулияти худ идоракунии хавфҳои комплаенсро бо риояи қатъӣ ва бечунучарои талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон,

талаботи давлатҳои хориҷӣ, қоидаҳо ва расмиёти дохилии Бонк, инчунин меъёрҳои умумқабулшудаи рафтор амалӣ менамоянд.

6.2. Низоми идоракунии хавфи комплаенс бар се хатти ҳимоя асос меёбад:

6.2.1. Хатти якуми ҳимоя аз ҷониби ҳамаи кормандони Бонк таъмин мегардад. Хатти якуми ҳимоя дар Бонк назорати ҷориро мутобиқи расмиёти дохилӣ, ки аз ҷониби воҳидҳои сохтории Бонк бо мақсади кам намудани хавфи комплаенс ҳангоми анҷом додани амалиётҳои ҳаррӯза ва иҷрои вазифаҳои рӯзмарра таҳия шудаанд, амалӣ менамояд. Кормандони воҳидҳои сохторӣ барои сари вақт ба Департаменти комплаенс хавфҳо расонидани маълумот оид ба қонуншиканиҳо (камбудиҳо, рӯйдодҳо, муомилаҳо), ки метавонанд ба ба вуҷуд омадани хавфҳои комплаенси Бонк оварда расонанд, масъул мебошанд. Роҳбарони воҳидҳои сохторӣ барои ташкил ва татбиқи идоракунии хавфҳои комплаенс дар воҳиди сохторӣ, аз ҷумла барои андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф намудани қонуншиканиҳо ва камбудиҳои ошкоршуда, масъул мебошанд.

6.2.2. Хатти дуюми ҳимоя аз ҷониби Департаменти комплаенс хавф таъмин мегардад. Функсияҳои алоҳидаи хатти дуюми ҳимоя мутобиқи Сиёсати мазкур ва дигар санадҳои дохилии Бонк метавонанд ба дигар воҳидҳои сохтории Бонк вогузор карда шаванд, ба шарте ки бархӯрди манфиатҳо вуҷуд надошта бошад.

6.2.3. Хатти сеюми ҳимоя аз ҷониби Департаменти аудити дохилӣ тавассути арзёбии мустақили самаранокии низоми идоракунии хавфҳои комплаенс таъмин мегардад.

Барои таъсис ва фаъолияти низоми назорати дохилӣ Бонк нақш ва масъулияти ҳамаи иштирокчиёнро мутобиқи Ҷадвали 2 тақсим менамояд.

Ҷадвали 2

| **Иштирокчӣ** | **Масъулият** | **Ҳисоботдиҳӣ** |
|---|---|---|
| Шурои нозирон | – анҷом додани назорат аз болои идоракунии хавфҳои комплаенс;<br>– тасдиқи санадҳои дохилӣ оид ба масъалаҳои идоракунии хавфҳои комплаенс ва МҚД/МТ/МПСҚО;<br>– тасдиқи санадҳои меъёрии дохилӣ оид ба масъалаҳои идоракунии хавфҳои таҳримӣ;<br>– назорат аз болои татбиқи Сиёсати мазкур аз ҷониби Раёсати Бонк;<br>– тасдиқи барномаи комплаенс барои сол;<br>– баррасии натиҷаҳои мониторинг ва арзёбии самаранокии иҷрои сиёсати идоракунии хавфҳои комплаенс аз ҷониби Раёсати Бонк, инчунин тавсияҳое, ки аз ҷониби Сарнозири комплаенс / Раёсати Бонк ҷиҳати кам намудани хавфҳои комплаенс пешниҳод гардидаанд. | Маҷлиси умумии саҳомон |
| Раёсат | – масъулият барои татбиқи Сиёсати мазкур ва пешниҳоди ҳисоботҳои семоҳа ба Шӯрои нозирони Бонк оид ба самаранокии идоракунии хавфҳои комплаенс;<br>– таъмини риояи Сиёсати мазкур ва андешидани чораҳои ислоҳӣ ё интизомӣ дар ҳолати ошкор гардидани хавфи комплаенс;<br>– якҷоя бо Департаменти комплаенс хавф:<br>• ошкорсозӣ ва арзёбии масъалаҳои ба вуҷуд омадани хавфҳои комплаенс ва | Наблюдательный совет |

| | | |
|---|---|---|
| | тасдиқи Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати бартараф намудани онҳо;<br>• фавран огоҳ намудани Шӯрои нозирон оид ба ҳама гуна амалиётҳо, рӯйдодҳо ва муомилаҳое, ки метавонанд ба зарар ё аз даст рафтани эътибори кории Бонк оварда расонанд. | |
| **Хатти якуми ҳимоя** | | |
| Комплаенс амбассадор | – таъмини татбиқи Сиёсати мазкур ва санадҳои меъёрии дохилӣ оид ба МҚД/МТ/МПСҚО дар доираи воҳиди сохтории худ;<br>– таъмини татбиқи сиёсати таҳримии Бонк;<br>– мусоидат ба шахси масъули Бонк дар соҳаи МҚД/МТ/МПСҚО дар амалисозии назорат ҷиҳати риояи расмиёти марбут ба МҚД/МТ/МПСҚО аз ҷониби воҳиди сохторӣ;<br>– ҳамоҳангсозии масъалаҳои омӯзиш ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии кормандони воҳиди сохторӣ оид ба талаботи Сиёсати мазкур ва расмиёти марбут ба МҚД/МТ/МПСҚО ва назорати таҳримӣ;<br>– таъмини ҷамъоварӣ ва пешниҳоди пурра ва саривақтии маълумот оид ба қонуншиканиҳои бақайдгирифташудаи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин иттилоот оид ба амалиётҳои шубҳанок дар доираи воҳиди сохтории худ;<br>– иҷрои дигар вазифаҳо, ки дар дастурҳои мансабӣ ва санадҳои меъёрии дохилӣ муайян гардидаанд. | Директори филиал/ Департаменти комплаенс хавф |
| Директорони филиалҳои Бонк | - ташкили назорати дохилӣ дар соҳаи идоракунии хавфҳои комплаенс ва МҚД/МТ/МПСҚО;<br>- ташкили назорати дохилӣ дар самти идоракунии хавфҳои таҳримӣ;<br>- риояи талаботи Сиёсати мазкур, инчунин барномаҳо, сиёсатҳо, расмиёт ва дигар санадҳои меъёрии дохилии Бонк, ки дар доираи идоракунии хавфҳои комплаенс таҳия шудаанд;<br>- риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, санадҳои дохилии Бонк, ки тартиби расонидани хизматрасониҳо аз ҷониби Бонк ва анҷом додани амалиётҳоро дар бозори молиявӣ танзим менамоянд, инчунин талаботи давлатҳои хориҷӣ; | Воҳиди ҳамоҳангсоз (куратор) |

| | | |
|---|---|---|
| | - ҳамоҳангсозии амалҳои назоратчиёни дохилии филиалҳо;<br>- ташкили чорабиниҳо ҷиҳати бартараф намудани қонуншиканиҳои ошкоршуда дар фаъолияти филиал. | |
| Воҳидҳои сохтории Сарбонк | – риояи талаботи Сиёсати мазкур, инчунин барномаҳо, сиёсатҳо, расмиёт ва дигар санадҳои дохилии Бонк, ки дар иҷрои Сиёсати мазкур таҳия гардидаанд;<br>– мониторинги доимии иҷрои воситаҳои назорат аз ҷониби кормандони худ;<br>– иҷрои босифати воситаҳои назорате, ки тибқи дастурҳои мансабӣ ё санадҳои танзимкунанда ба уҳдаи онҳо вогузор шудаанд;<br>– табодули иттилоот бо Департаменти комплаенс хавф оид ба масъалаҳои идоракунии хавфҳои комплаенс доир ба:<br><br>• ҳамоҳангсозии ҳатмии пешакӣ бо Департаменти комплаенс хавф оид ба масъалаҳои зерин:<br>• тағйир додани сохтори ташкилии Бонк;<br>• ҷорӣ намудани маҳсулот, хизматрасониҳо ва равандҳои нави бонкӣ;<br>• оғози лоиҳаҳои пилотӣ, хизматрасониҳои рақамӣ, инчунин ворид намудани тағйироти назаррас ба равандҳои амалкунанда;<br>• ҷалби провайдерҳо / шарикони беруна ва татбиқи қарорҳои аутсорсингӣ, ки метавонанд ба хавфҳои комплаенс таъсир расонанд;<br>• гузаронидани арзёбӣ ва интихоби контрагентҳо, инчунин барқарор намудан ё тағйир додани шартҳои ҳамкорӣ бо онҳо;<br>• дигар ташаббусҳое, ки метавонанд ба сатҳи хавфи комплаенс, эътибори Бонк ё мутобиқати он ба талаботи регулятор таъсир расонанд.<br><br>Дархост барои мувофиқакунонӣ ба Департаменти комплаенс хавф мутобиқи тартиби пешбининамудаи санадҳои меъёрии дохилии Бонк ирсол мегардад. | Воҳиди ҳамоҳангсоз (куратор)/Раёсат |
| Кормандон (хатти якуми ҳимоя) | – иҷрои босифати воситаҳои назорате, ки тибқи дастурҳои мансабӣ ё санадҳои танзимкунанда ба уҳдаи онҳо вогузор шудаанд;<br>– мусоидат ба роҳбари воҳиди сохторӣ дар ташкили татбиқи самараноки назорати дохилӣ дар филиал;<br>– ошкор намудани амалиётҳои шубҳанок, инчунин ирсоли саривақтии огоҳиномаҳо оид | Роҳбари бевосита |

| | | |
|---|---|---|
| | ба чунин амалиётҳо ба Департаменти комплаенс хавф. | |
| Хатти дуюми ҳимоя | | |
| Департаменти комплаенс хавф | – ташкил, ҳамоҳангсозӣ ва дастгирии методологии раванди идоракунии хавфҳои комплаенс, аз ҷумла хавфҳои ҚД/МТ/МПСҚО, инчунин хавфҳои таҳримӣ;<br>– ташаккул додани чорабиниҳо ҷиҳати камсозӣ ва пешгирии хавфҳои комплаенс, инчунин машваратдиҳии кормандони Бонк оид ба масъалаҳои комплаенс, МҚД/МТ/МПСҚО ва таҳримҳо;<br>– таҳия ва ҳамоҳангсозии чорабиниҳо оид ба рушди низоми комплаенс дар Бонк;<br>– пешниҳоди хулосаи экспертӣ оид ба хавфҳои комплаенс, ки ба маҳсулоти нав ва тағйироти назаррас дар фаъолияти Бонк хос мебошанд, то лаҳзаи ҷорӣ намудани онҳо барои қабули қарорҳои саривақтӣ ва мувофиқи идоракунӣ;<br>– муайян намудани Феҳрист / Рӯйхати хавфҳои комплаенс;<br>– назорат аз болои ташкили кори Бонк дар самти муқовимат ба коррупсия;<br>– таҳлили иттилоот оид ба хавфҳои комплаенс, таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳо оид ба хавфҳои комплаенс барои баррасӣ ба мақомоти коллегиалӣ;<br>– табодули иттилоот оид ба идоракунии хавфҳои комплаенс бо ҳамаи воҳидҳои хатти якум, дуюм ва сеюми ҳимоя;<br>– ташкил, ҳамоҳангсозӣ ва назорати низоми комплаенси зиддикоррупсионии Бонк, аз ҷумла таҳияи расмиёти зиддикоррупсионӣ, омӯзиши кормандон ва мониторинги иҷрои онҳо;<br>– иҷрои дигар вазифаҳо, ки дар Низомнома дар бораи Департаменти комплаенс хавф ва дигар санадҳои меъёрии дохилии Бонк муайян гардидаанд. | Шурои нозирон |
| **Хатти сеюми ҳимоя** | | |
| Департаменти аудити дохилӣ | – гузаронидани санҷишҳои равандҳои бизнесии Бонк (аз ҷумла равандҳои идоракунии хавфҳо, идоракунии корпоративӣ ва назорати дохилӣ, аз ҷумла мониторинги самаранокии фаъолияти низоми комплаенс) ва таҳияи тавсияҳо ҷиҳати такмили низомҳои зикршуда; | Шурои нозирон |

| | | |
|---|---|---|
| | – табодули иттилоот оид ба хавфҳо ва воситаҳои назорат бо ҳамаи воҳидҳои хатти дуюми ҳимоя. | |

6.2.4 Воҳиди масъул барои таҳия, татбиқи назорати комплаенс ва ҳамоҳангсозии кӯшишҳо дар самти идоракунии хавфҳои комплаенс Департаменти комплаенс хавф мебошад;

6.2.5 Департаменти комплаенс хавф дар фаъолияти худ мустақил буда, ба Шӯрои нозирони Бонк итоат менамояд;

6.2.6 Масъулият барои фаъолияти Департаменти комплаенс хавф ба уҳдаи роҳбари он мебошад;

6.2.7 Сардори Департаменти комплаенс хавф Сарнозири комплаенси Бонк буда, аз ҷониби Шӯрои нозирони Бонк таъин карда мешавад;

6.2.8 Сарнозири комплаенс барои ташкил ва ҳамоҳангсозии идоракунии хавфҳои комплаенс дар Бонк масъул буда, мустақиман ба Шӯрои нозирони Бонк ҳисобот медиҳад;

6.2.9 Сарнозири комплаенс ба таври даврӣ Раиси Раёсат ва Раёсати Бонкро дар бораи ҳолати низоми идоракунии хавфҳои комплаенс дар Бонк, аз ҷумла оид ба хавфҳои комплаенси ошкоршуда, қонуншиканиҳо ё риоя нашудани талаботи санадҳои дохилӣ аз ҷониби Бонк ва (ё) кормандони он дар соҳаи идоракунии хавфҳои комплаенс, огоҳ менамояд;

6.2.10 Сарнозири комплаенс фавран Шӯрои нозирон / Кумитаро дар бораи ҳолатҳои ошкор гардидани вайронкунии қонунгузорӣ ё санадҳои меъёрӣ, ки мутобиқи санадҳои дохилии Бонк ҳамчун ҳодисаҳои муҳими комплаенс тасниф мешаванд ва метавонанд боиси таҳримҳои танзимгар, талафоти назарраси молиявӣ, маҳдуд шудани фаъолияти Бонк ё осеб дидани эътибори корӣ гарданд, огоҳ менамояд. Меъёрҳои аҳаммияти хавфҳо ва ҳодисаҳои комплаенс дар санадҳои меъёрии дохилии Бонк муайян карда мешаванд;

6.2.11 Дар ҳолати аз ҷониби Раиси Раёсат ва Раёсати Бонк андешида нашудани чораҳо ҷиҳати бартараф намудани қонуншиканиҳо ва камбудиҳои ошкоршуда дар ҷараёни назорати комплаенс, Сарнозири комплаенс ба Шӯрои нозирони Бонк муроҷиат менамояд;

6.2.12 Функсияҳои ташкилию идоракунӣ, салоҳият ва масъулияти Сарнозири комплаенс бо Низомномаи Департаменти комплаенс хавф муайян карда мешаванд;

6.2.13 Бо мақсади таъмини иҷрои қонунгузорӣ дар соҳаи МКД/МТ/МПСҚО, Шӯрои нозирон шахси масъулро оид ба МКД/МТ/МПСҚО таъин намуда, фаъолияти ӯро назорат мекунад;

6.2.14 Функсияҳои ташкилию идоракунӣ, салоҳият ва масъулияти шахси масъул бо Низомномаи департамент, Сиёсати Бонк оид ба МКД/МТ/МПСҚО, инчунин дигар санадҳои дохилии Бонк дар соҳаи МКД/МТ/МПСҚО муайян карда мешаванд;

6.2.15 Кормандони Департаменти комплаенс хавф бояд дорои тахассус, таҷрибаи корӣ, сифатҳои касбӣ ва шахсии зарурӣ барои иҷрои вазифаҳои худ бошанд, дониши қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, санадҳои дохилии Бонк, ки тартиби расонидани хизматрасониҳо ва анҷом додани амалиётҳоро дар бозори молиявӣ танзим менамоянд, инчунин талаботи давлатҳои хориҷӣ ва қоидаҳои назорати таҳримиро дошта бошанд;

6.2.16 Талаботи муфассал ба сифатҳои касбии кормандони Департаменти комплаенс хавф, инчунин ваколатҳо ва масъулияти онҳо аз ҷониби Шӯрои нозирон муайян гардида, дар санадҳои дахлдори дохилии Бонк инъикос карда мешаванд.

## 7. Ҳисоботдиҳӣ доир ба масъалаҳои комплаенс

7.1. Бонк шаклҳои ҳисоботдиҳии мунтазами идоракуниро оид ба корҳои анҷомдодашуда таҳия менамояд, ки дар онҳо хавфҳои калидӣ, дастовардҳои асосӣ ва масъалаҳои ба миёномада, инчунин ҳодисаҳои руҳдода бо дарназардошти тавсияҳои минбаъда инъикос мегарданд.

7.2. Ҳисоботдиҳии идоракунӣ бояд иттилооти зеринро дар бар гирад:

7.2.1 дар бораи хавфҳои комплаенси ошкоршуда, қонуншиканиҳо ё риоя нашудани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва санадҳои дохилии Бонк оид ба масъалаҳои идоракунии хавфҳои комплаенс аз ҷониби Бонк ва (ё) кормандони он;

7.2.2 дар бораи натиҷаҳои таҳлили шикоятҳо (аризаҳо)-и мизоҷон (контрагентҳо) нисбат ба амалҳои Бонк ё кормандони он ҷиҳати мавҷудияти хавфи комплаенс;

7.2.3 дар бораи арзёбии нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ, ки дараҷаи дучоршавии Бонк ба хавфи комплаенсро тавсиф менамоянд;

7.2.4 дар бораи натиҷаҳои мониторинги амалиётҳои шахсони вобаста, аз ҷумла иттилоот оид ба қарзҳои ба шахсони вобаста додашудаи Бонк;

7.2.5 дар бораи натиҷаҳои таҳқиқот (санҷишҳо) оид ба ҳолатҳои вайрон намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва санадҳои дохилии Бонк оид ба масъалаҳои идоракунии хавфҳои комплаенс аз ҷониби кормандони Бонк;

7.2.6 дар бораи таҳлили натиҷаҳои мониторинги хавфҳои мизоҷон ва арзёбии дараҷаи дучоршавии маҳсулот (хизматрасониҳо)-и Бонк ба хавфҳои ҚД/МТ/МПСҚО дар сатҳи Бонк (умуман) ва дар сатҳи воҳидҳои сохтории он;

7.2.7 дар бораи тавсияҳо ҷиҳати чорабиниҳои пешгирикунанда барои кам намудани хавфҳои ҚД/МТ/МПСҚО, аз ҷумла бо нишон додани муҳлатҳои иҷрои чорабиниҳои пешниҳодшуда;

7.2.8 дар бораи ҳолатҳои ошкоршудаи вайрон намудани талаботи таҳримӣ аз ҷониби мизоҷон ё Бонк;

7.2.9 дар бораи чораҳое, ки бо мақсади назорати таҳримӣ ва кам намудани хавфҳои таҳримӣ андешида мешаванд;

7.2.10 иттилоот оид ба комплаенси зиддикоррупсионӣ;

7.2.11 дар бораи тавсияҳо ҷиҳати бартараф намудани қонуншиканиҳо ва камбудиҳо дар фаъолияти Бонк, ки дар ҷараёни назорати комплаенс, аз ҷумла оид ба масъалаҳои МҚД/МТ/МПСҚО ва таҳримҳо ошкор гардидаанд;

7.2.12 дар бораи чораҳои андешидашуда ҷиҳати бартараф намудани қонуншиканиҳои ошкорнамудаи воҳиди аудити дохилӣ ва (ё) Бонки миллии Тоҷикистон тибқи натиҷаҳои санҷишҳои самаранокии низоми идоракунии хавфҳои комплаенси Бонк, аз ҷумла оид ба масъалаҳои МҚД/МТ/МПСҚО, ва натиҷаҳои онҳо, ё дар бораи андешида нашудани чунин чораҳо – дар ҳолати мавҷуд будан;

7.2.13 иттилоот (ҳисобот) оид ба самаранокии расмиётҳое, ки тавассути онҳо кормандон метавонанд ба таври махфӣ дар бораи қонуншиканиҳои марбут ба фаъолияти Бонк хабар диҳанд, инчунин арзёбии самаранокии онҳо;

7.2.14 дар бораи натиҷаҳои санҷишҳои аудиторӣ – дар ҳолати мавҷуд будан.

7.3. Сохтори ҳисоботдиҳии мунтазам оид ба идоракунии хавфҳои комплаенс, аз ҷумла оид ба МҚД/МТ/МПСҚО ва таҳримҳо, бо санадҳои меъёрии дохилии Бонк муайян карда мешавад;

7.4. Тартиб ва муҳлати пешниҳоди ҳисоботи мунтазам ба Шӯрои нозирон, Кумита ва Раёсати Бонк:

| | |
|---|---|
| Ба Шӯрои нозирон ва Кумитаи комплаенс ва идоракунии хавфҳо | На камтар аз як маротиба дар як семоҳа |
| Ба Раёсат | На камтар аз як маротиба дар як моҳ |
| Ба Сарнозири комплаенс | На камтар аз як маротиба дар як моҳ |
| Ба дигар воҳидҳои манфиатдор | Тибқи дархост |

7.5 Сохтор, тартиб ва мӯҳлатҳои пешниҳоди ҳисоботдиҳии мунтазам бо санадҳои меъёрии дохилии Бонк муайян гардида, аз ҷониби Шӯрои нозирони Бонк тасдиқ карда мешаванд.

## 8. Муносибатҳои Бонк бо мақомоти давлатӣ дар соҳаи комплаенс

8.1 Ҳамкории Бонк ва Департаменти комплаенс хавф бо мақомоти давлатӣ, аз ҷумла бо Бонки миллии Тоҷикистон, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

## 9. Масъулият

9.1. Кормандони Бонк ва ташкилотҳои фаръии он, аз ҷумла шахсони мансабдор, барои риоя накардан ва (ё) иҷрои номувофиқи Сиёсати мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи меҳнатӣ ва санадҳои меъёрии дохилии Бонк ҷавобгар мебошанд.

## 10. Муқаррароти ниҳоӣ

10.1 Сиёсати мазкур аз санаи қабули қарори Шӯрои нозирони Бонк оид ба тасдиқи он эътибор пайдо мекунад;

10.2 Масъалаҳое, ки бо Сиёсати мазкур баррасӣ ё ба танзим дароварда нашудаанд, тибқи санадҳои дахлдори дохилии соҳавии Бонк ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мегарданд;

10.3 Сиёсати мазкур мавриди мониторинги даврӣ ҷиҳати мутобиқати он қарор мегирад. Дар ҳолати ошкор нагардидани номувофиқатӣ, такмилдиҳии ҳуҷҷати мазкур на камтар аз як маротиба дар ҳар ду сол анҷом дода мешавад.

Аз рӯзи дар таҳрири нав (таҳрири 05) мавриди амал қарор гирифтани Сиёсати мазкур, таҳрири 04-и ҳуҷҷат, ки аз тарафи Шӯрои нозирон (Пайнавишти маҷлиси ШН №04/2023 аз 06.12.2023) тасдиқ шудааст, беэътибор дониста шавад.